Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

**Swiss Agency for Development and Cooperation SDC**

Co-funded by the European Union

IOM
UN MIGRATION

# ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИЯТИ МУҲОҶИРАТ

## (МОҲҲОИ ЯНВАР - ДЕКАБРИ СОЛИ 2023)

## ТОҶИКИСТОН

СОЗМОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУҲОҶИРАТ (СБМ)

МАТРИТСАИ ПАЙГИРИИ ҲАРАКАТ (МПҲ)

IOM
UN MIGRATION
GLOBAL DATA INSTITUTE
DISPLACEMENT TRACKING MATRIX

## ТАРКИ МАСЪУЛИЯТ

Андешаҳои дар ҳисобот баёншуда ба муаллифон таалluқ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд андешаи Созмони Байналмилалии Муҳоҷиратро (СБМ) инъикос намоянд. Нишонаҳои (аломатҳои шартӣ) истифодашуда ва муаррифии мавод дар ин ҳисобот маънои баёни ҳар гуна ақидаи СБМ дар бораи мақоми ҳуқуқии ягон кишвар, қаламрав, шаҳр ё минтақа ё мақомоти он, ё дар бораи марзҳо ё ҳудуди онҳоро надоранд.

СБМ ҷонибдори низомест, ки муҳоҷирати инсондӯстона  ва муназзам ба манфиати муҳоҷирон ва ҷомеа бошад. Ҳамчун як созмони байниҳукуматӣ, СБМ бо шарикони худ дар арсаи байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд, то, ин ки: дар ҳалли мушкилоти амалиётии муҳоҷират мусоидат намояд, барои дарки амиқтари масъалаҳои вобаста ба муҳоҷират саҳм гузорад, рушди иҷтимоӣ–иқтисодиро  тавассути муҳоҷират  ташвиқ намояд, шаъну шарафи инсонӣ ва некӯаҳволии муҳоҷиронро хифз намояд.

Ин нашрия тавассути дастгирии Агентии Швейтсария оид ба Рушд ва Ҳамкорӣ (SDC) (АШРҲ) дар доираи лоиҳаи «Барномаи муҳоҷирати меҳнатӣ – Осиёи Марказӣ» имконпазир гардидааст. Андешаҳои дар ин ҷо баёншуда ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад андешаи расмии СБМ ё АШРҲ-ро инъикос кунад.

Ношир: Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ) / Агентии Муҳоҷирати СММ, Дафтари ҳамоҳангсозии зерминтақавии Осиёи Марказӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:
СБМ Тоҷикистон
кучаи Азизбеков, № 22А, гузаргоҳи 2,
734013, Душанбе, Точикистон

Тел.: (+992 48) 701 02 02
E-Mail: dushanbe@iom.int
Веб-сайт: www.tajikistan.iom.int;  www.iom.int

Ин нашрия бидуни таҳрири формат ё тасдиқ аз ҷониби Шӯъбаи нашрияҳои СБМ барои риояи стандартҳои бренд ва услуби СБМ интишор шудааст. Ин нашрия бидуни тасдиқи Шӯъбаи тадқиқотии СБМ нашр шудааст.
Иқтибосҳои зарурӣ: Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ) (2024). СБМ, Тоҷикистон.
Барои маълумоти бештар дар бораи қоидаҳо ва талаботҳо дар мавриди маводҳои иттилоотии МПҲ, лутфан ба сомонаи зерин муроҷиат кунед:
https://dtm.iom.int/terms-and-conditions

© 2024 Созмони Байналмилаллии Муҳоҷират (СБМ)

Ҳуқуқҳои ҳамаҷониба ҳифз шудаанд. Ҳеҷ  қисми ин нашрияро бе иҷозати хаттии пешакии ношир дубора нашр кардан, дар системаи ёддошт (ҷустуҷӯӣ) нигоҳ доштан ё дар ҳама шакл ё васила, электронӣ, механикӣ, нусхабардорӣ, сабт ё ба тариқи дигар интиқол додан мумкин нест. Ин нашрия набояд бо мақсадҳое,  ки асосан ба манфиати тиҷоратӣ ё пулӣ, ба истиснои мақсадҳои таълимӣ, масалан, ба китобҳои дарсӣ дохил кардан, истифода, нашр ё дубора паҳн кардан, истифода бурда шавад.  Барои маълумоти бештар лутфан ба Қонунҳои ҳуқуқи муаллиф ва шартҳои истифодабарӣ муроҷиат кунед.

Барои маълумоти иловагӣ лутфан бо дастаи МПҲ тамос гиред:

mtmtajikistan@iom.int

Facebook.com/iomTajikistan

twitter.com/iom.Tajikistan

instagram.com/iomTajikistan/

# МУНДАРИЧА


МУҚАДДИМА ........ 4

МАҲДУДИЯТ ........ 4

МЕТОДОЛОГИЯ ........ 5

ЛУҒАТ ........ 5

ЗАХИРА ВА ЧАРАЁН ........ 6

МУҲОҶИРАТИ МЕХНАТӢ ........ 10

МУҲОҶИРАТИ МАҶБУРӢ ........ 11

МУХОЧИРАТИ БОЗГАШТ ........ 12

ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒ ........ 15

МУДОХИЛАҲОИ СИЁСӢ ДАР САМТИ МУҲОҶИРАТ ........ 16

АДАБИЁТҲО ........ 17

# МУҚАДДИМА

Ҳадафи ин ҳисобот пешниҳоди шарҳи хусусиятҳои муҳоҷират ва ҳаракат дар Тоҷикистон мебошад, ки бо такя ба маълумоти манобеъи охирини дастрас то охири соли 2023 аз маҷмӯаҳои маълумотҳои миллӣ ва байналмилалӣ вобаста ба ҳаракатҳо дар доираи муҳоҷират, ки ба вазъи охирини муҳоҷират дар Тоҷикистон таваҷҷӯҳ мекунад, омода гаштааст. Ин гузориш ба ҷараёни муҳоҷират, шумораи иҷозатномаҳои истиқомат ва интиқоли маблағҳо, ва инчунин сабабҳои муҳоҷиратро дарбар мегирад. Дар ҳисобот таъсири давомноки ҳамлаи Русия ба Украина ба самтҳои анъанавии муҳоҷират дар минтақа, тағйири ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ, афзоиши тағйироти иқлим ва нигарониҳои муҳоҷират, раванди афзояндаи шаҳрсозӣ , вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар падидаҳо, ҳамчун омилҳои асосии мусоидаткунанда ба ҷойивазкунии одамон ва тағйири макон дар доираи муҳоҷират дар давраи мазкур дар кишвар тавсиф шудаанд.

Матритсаи Пайгирии Ҳаракат (МПҲ) системаест, ки дар асоси Матрисаи Пайгирии Глобалии Ҷойивазкунӣ (МПҶ)-и СБМ асос ёфтааст ва ҳадафи он пайгирӣ ва мониторинги ҷойивазкунӣ ва ҳаракати аҳолӣ мебошад. МПҲ маълумотро дар бораи ҷойивазкунӣ ва осебпазирии аҳолии муҳоҷир ва сайёр ҷамъоварӣ ва таҳлил мекунад. Ин система имкон медиҳад, ки ба таври мунтазам мавзӯъ ва мӯҳтавои масъала дарк гашта иттилооти фарогир ҷиҳати ниёзҳои муҳоҷирон барои ҷонибҳои тасмимгиранда (қарорқабулкунанда) пешниҳод гардад. МПҲ ба шароити Тоҷикистон дар асоси методологияи глобалии МПҶ дар давраи пандемияи COVID-19 (2020) ва МПҲ таҳти «Барномаи муҳоҷирати меҳнатӣ- Осиёи Марказӣ», ки аз ҷониби АШРҲ(2022) маблағгузорӣ мешавад, мутобиқ карда шудааст. Он барои ба таври мунтазам ва систематикӣ ҷамъоварӣ, коркард ва паҳн намудани иттилоот барои фароҳам овардани фаҳмиши беҳтари ҷойивазкунӣ ва ниёзҳои тағйирёбандаи муҳоҷирон дар Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Ташаббусҳои МПҶ дар Тоҷикистон аз соли 2023 инҷониб бо маблағгузории муштараки Иттиҳоди Аврупо дар чаҳорчӯби лоиҳаи “Матритсаи Пайгирии Ҷойивазкунӣ ва далелҳои минтақавӣ барои таҳлил ва сиёсати муҳоҷират (ПГҶ-REMAP)” амалӣ мешаванд.

Таҷдиди тӯлонии сохторҳои масъули муҳоҷират ва интиқоли салоҳият аз як ниҳод ба ниҳоди дигар боиси таъхир ва мушкилоти танзими муҳоҷират дар тӯли солҳо дар Тоҷикистон гаштаанд (МҲБ, 2021). Аммо аз январи соли 2011 Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВММША ҶТ) мақомоти ягона дар масъалаҳои марбут ба муҳоҷират гардидааст. (СБМ, 2021). Ин падида боиси беҳтар шудани баъзе машкилиҳо вобаста ба бақайдгирии муҳоҷирати хориҷии шаҳрвандони Тоҷикистон ва бозгашти онҳо аз кишварҳои хориҷӣ ва ба пешрафти умумии идоракунии муҳоҷират дар кишвар мусоидат намудааст. Дар доираи ин мақомот маълумоти пешниҳодкардаи мақомот сарчашмаи асосии маълумот оид ба муҳоҷират дар Тоҷикистон дониста мешавад (МҲБ, 2021). Қонун дар бораи муҳоҷират (1999) санади асосии ҳуқуқии идоракунии муҳоҷират ба ҳисоб меравад ва ба ин санад моҳи марти соли 2018 пас аз гирифтани тавсияҳо барои таҷдиди қонуни мазкур аз Кумитаи СММ оид ба муҳоҷирони меҳнатӣ ( Комитети ҳимояти ҳуқуқи ҳамаи меҳнаткашон ва аъзои оилаҳои онҳо (CMW)) дар соли 2012 тағйирот ворид карда шуд. Моҳи июни соли 2023 Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират барои давраи то соли 2040 ва нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2023-2025[1] бо равиши васеътари идоракунии муҳоҷират ва стратегияи он оид ба масъалаҳои гуногуни муҳоҷират қабул карда шуданд. Ҳуҷҷатҳои дигар, аз қабили Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷалби нерӯи меҳнатии хориҷӣ ба Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 қабул шуданд. Дар соли 2021 Тоҷикистон дар байни 191 кишваре, ки аз рӯи индекси рушди инсонии БРСММ (ИДИ) арзёбӣ шудаанд, дар ҷои 122-юм қарор гирифт, ки дар муқоиса бо дигар кишварҳои шӯравии собиқ поёнтар буда аз нишондиҳандаи рушди инсонии худ дар соли 1990 каме болотар шудааст. То январи соли 2022, беш аз 40 дарсади хонаводаҳо гузориш додаанд, ки ҳадди ақал як узви хонавода дар хориҷа кор мекунад, дар моҳи июни соли 2022 ин рақам ба 50 дарсад афзоиш ёфта, дар охири соли 2022 боз ба 37 дарсад коҳиш хоҳад ёфтааст[2].

# МАҲДУДИЯТҲО

Тадқиқоти дар ин гузориш пешниҳодшуда ҳадафи фарогирии тамоми мавзӯъҳои муҳоҷиратро надорад, ҳамзамон ин гузориш дар асоси маълумоти мавҷудбуда, аз ҷумла ҷараёни муҳоҷират, шумораи иҷозаи иқомат ва интиқоли маблағҳо, ба мавзӯъҳои муҳимтарини муҳоҷират барои Тоҷикистон таваҷҷӯҳ медиҳад. Ғайр аз ин, сарчашмаҳои маҳдуди маълумот оид ба муҳоҷират ва дастрасии онҳо ба сифати гузориш таъсир мерасонад, тафовути мундариҷа ва манбаъҳои расмӣ барои дастрасии маълумоти мухтасар низ таъсиррасон мебошанд. Дар ин замина, манбаъҳои гуногуни додаҳо истифода шудаанд, ки баъзеи онҳо (1) метавонанд барои солҳои 2022 то 2023 маълумоти дастрас надошта бошанд, (2) метавонанд ҷузъиёт ё тақсимоти додашуда бо дигар маълумотҳо мувофиқат накунад ё (3) методологияи онҳо дастраси омма набошад, (4) метавонад бо дигар сарчашмаҳои маълумот ихтилоф дошта бошад.

1. Ҳуҷҷати "Нақшаи амалиётҳо барои солҳои 2023 – 2025" ҳанӯз барои омма дастрас нест.
2. Муҳоҷирони меҳнатӣ дар мавсими баҳору тобистон ба хориҷа сафар мекунанд ва дар фасли имистон ба хона бармегарданд.

# МЕТОДОЛОГИЯ

Гузориши даврӣ тавассути тадқиқоти руи мизӣ, таҳлили адабиёт ва таҳлили миқдории сарчашмаҳои дахлдори ибтидоӣ ва дуюмдараҷа анҷом дода шуд. Гурӯҳи МПҲ маълумоти ВММША-ро дар якҷоягӣ бо ҳисоботи даврии солҳои 2022 ва 2023, аз ҷумла ҳамаи он маълумоте, ки барои таҳлили ҳаракат вобаста ба хуруҷ ва воридот ба кишвар дар ду соли охир алоқамананданд, инчунин манбаъҳои ВАО-ро ҷамъоварӣ ва коркард карданд. Таҳлили минбаъда аз Арзёбии Ҳаракати Ибтидоӣ (АҲИ ), Тадқиқоти Муҳоҷирони Баргашта (RMS) ва бозёфтҳои онҳо дар бо манбаъҳои мавҷудаи маълумотҳои ибтидоӣ ва дуюмдараҷа мавриди муқоиса қарор гирифтаанд.

Ниҳодҳои зерин манбаи асосии маълумот барои ин ҳисобот буданд:

- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Маркази сиёсати Каспий (МСК)
- Хадамоти федералии омори давлатӣ
- Шарикии глобалии дониш оид ба муҳоҷират ва рушд
- Маркази мониторинги дохилии ҷойивазкунӣ
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон
- Вазорати корҳои дохилӣ (ВКД)
- Сарчашмаҳои ВАО
- Хадамоти миллии сарҳадии Қазоқистон
- Кумитаи давлатии амнияти миллии (КДАМ) Тоҷикистон
- Идораи омори Федератсияи Русия
- Агентии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо
- Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ)

# ЛУҒАТ[3]

| | |
|---|---|
| Муҳоҷир: | шаҳрванде, ки аз кишвари аслӣ ба кишвари дигар кӯчидааст, ва ин кишвар ҳамчун кишвари таъинот ба ҳисоб меравад; |
| Муҳоҷирати меҳнатӣ: | ҳаракати одамон аз як давлат ба давлати дигар ё дар дохили кишвари истиқоматии худ бо мақсади кор/меҳнат; |
| Ҷараёни муҳоҷирон: | шумораи муҳоҷирони байналмилалие, ки ба кишвари муайян ворид мешаванд (ё шумораи муҳоҷирони байналмилалие, ки аз кишвари муайян мебароянд (дар давоми як давраи муайян); |
| Муҳоҷири меҳнатӣ: | шахсе, ки бояд дар ин ё он давлат ба фаъолияти музднок машғул шавад, машғул аст ё машғул буд), ки вай шаҳрвандии кишвари таъинотро надорад; |
| Муҳоҷири баргашта: | ҳаракати шаҳрвандоне, ки пас аз кӯчидан аз кишвари аслӣ ва убури сарҳади байналмилалӣ ба ватан бармегарданд. |

3. Луғати СБМ оид ба муҳоҷират (2019)

# ЗАХИРА ВА ҶАРАЁН

Бинобар маълумоти Хадамоти муҳоҷирати ВММША, аз моҳи январ то декабри соли 2023, 12 ҳазору 532 муҳоҷири байналмилалӣ, ки аз кишварҳои гуногун вориди кишвар шудаанд; аксарияти онҳо аз Чин (9,261), Афғонистон (1,129) ва Туркия (500) мебошанд. (ВММША, 2023). Дар муқоиса бо маълумоти соли 2022 (12211) шумораи шаҳрвандони хориҷии дар Тоҷикистон (ба қайд гирифташуда)2,6 дарсад афзоиш ёфтааст (ВММША, 2022).

Диаграммаи 1: Ҷараёни муҳоҷират ба Тоҷикистон, солҳои 2022-2023 (рақамҳои мутлақ)




Манбаъ: ВММША, с. 2022 ва с. 2023

Бо сабабҳои шуғл дар соли 2023 аз кишварҳои дигар 7053 муҳоҷирони меҳнатӣ вориди Тоҷикистон шудаанд, ки ин нисбат ба соли 2022 (5716) 23,4 фоиз зиёд мебошад (ВММША, 2023). Қобили зикр аст, ки дар солҳои 2022 ва 2023 Чин аз ҷиҳати муҳоҷирони воридшуда ба Тоҷикистон дар ҷои аввал боқӣ мондааст. Афзоиши назаррас пас аз сабук шудани маҳдудиятҳои ҳаракат пас аз пандемияи COVID-19 ва ба таври назаррас боз шудани сарҳадҳои байнидавлатӣ ва сафарбаркунии муваққатӣ ба хизмати ҳарбӣ оғоз ёфт. Ғайр аз он, маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар семоҳаи сеюми соли 2023 шумораи нисбатан зиёди воридшудагон аз Чин (4,604) ба қайд гирифта шудаанд, ки шумораи онҳо нисбат ба семоҳаи дуюм (2,012) ду баробар зиёд аст (ВММША, 2023).

Диаграмма 2: Кишварҳое, ки аз онҳо муҳоҷирон ба Тоҷикистон ворид мешаванд, 2022-2023 (%)




Манбаъ: ВМШША, с. 2022 ва с. 2023

Дар манбаъҳои расмӣ маълумоти бештар дар бораи сабабҳои муҳоҷират маҳдуд мебошанд, додахои (маълумотҳои) арзёбии ибтидоии[4] МПҲ нишон медиҳад, ки 2571[5] муҳоҷири меҳнатии байналмилалӣ аз 17 кишвари мухталиф дар Тоҷикистон бо сабабҳои шуғл (37%), низоъ ва амнияти умумӣ (23%) таҳримҳо (вазъи иқтисодӣ) (12%), сафарбарсозии қисман дар Федератсияи Русия (8%), мушкилиҳои (масъалаҳои) оилавӣ (муттаҳидшавии оила, издивоҷ) (3%), пастшавии қурби асъор (1%) ва сабабҳои дигар (16%) зиндагӣ мекарданд. (СБМ, 2023).

Муҳоҷират дар умум аз Тоҷикистон ба кишварҳои дигар бо нияти кор дар соли 2023 нисбат ба маълумоти соли 2022 (775 578) 15,9 дарсад (652 014) кам шудааст. Шумораи умумии 554 804 мардон ва 97 210 занони муҳоҷир дар соли 2023 ба қайд гирифта шудаанд, мутаносибан 15,2 фоиз кам шудани мардон (баробар ба 654 416 дар соли 2022) ва 19,8 фоиз кам иштироки занон дар муҳоҷират нисбат ба соли 2022 (121,162) дида мешавад. Дар тӯли солҳо макони асосии муҳоҷирони тоҷик Федератсияи Русия (зиёда аз 90%) буд, кишваре, ки бо он Тоҷикистон таърихи тӯлонии ҳамкориҳо дорад, аз ҷумла равобити доимии ҳавоӣ, сафари бидуни раводид, ҷамъияти назарраси диаспораҳои Тоҷикистон ва теъдоди зиёди муҳоҷироне, ки бо забони русӣ сӯҳбат карда метавонанд. (ИББ, 2021).

Диаграммаи 3: Ҷараёни муҳоҷират аз Тоҷикистон, солҳои 2022-2023 (шумораҳои мутлақ)




Манбаъ: ВММША, с. 2022 and с. 2023

Диаграммаи 4: Муҳоҷират аз лиҳози ба гендерӣ, 2022-2023 (шумораҳои мутлақ)




Манбаъ: ВММША, 2022 ва 2023

4.АҲИ дар панҷ вилоят, дувоздаҳ шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон бо 2816 нафар маълумотдиҳандагони асосӣ дар моҳи августи соли 2023 дар ноҳияҳои И. Сомонӣ, Сино, Фирдавсӣ, Шоҳмансури шаҳри Душанбе, шаҳри Ваҳдат, ноҳияи Рӯдакии Ноҳияҳои Тобеи Марказ, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва нохияи Панҷи вилояти Хатлон, шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ванҷи ВМКБ гузаронида шуд

5.Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар солҳои 2020-2023 ба қайд гирифта шудаанд.

ВММША гузориш медиҳад, ки дар соли 2023, 627 028 нафар ба Федератсияи Русия, 18 418 нафар ба Қазоқистон ва 6 568 нафар ба дигар кишварҳо сафар кардаанд. Агар шумораи ҷудошудаи гендерии муҳоҷирони ба Федератсияи Русия рафтаро баррасӣ кунем, намоён аст, ки нисбат ба соли 2022 (113720) дар соли 2023 шумораи занони муҳоҷир бештар ба қайд гирифта шудааст (134,627) ва ин шумора дар ҳудуди 18,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз тарафи дигар, қайд карда шудааст, ки дар давоми солҳои 2022 (626 071) ва 2023 (492 401) шумораи муҳоҷирони марди муқими Федератсияи Русия 21,4 дарсад коҳиш ёфтаанд. Тибқи маълумоти ВММША, дар панҷ соли охир шумораи занони муҳоҷири корӣ аз Тоҷикистон ба кишварҳои дигар мунтазам афзоиш ёфта, ин тамоюл дар соли 2022 ба таври назаррас авҷ гирифтааст.

Ҷадвали 1: Муҳоҷирони занони Тоҷикистон, солҳои 2018-2022 (шумораҳои мутлақ ва %)

| Солхо | Шумораи умумии муҳоҷирон | Шумораи умумии муҳоҷирони зан | фоизи занони муҳоҷири меҳнатӣ |
|---|---|---|---|
| **2018** | 484,176 | 64,512 | 13.3 |
| **2019** | 530,883 | 77,013 | 14.5 |
| **2020** | 129,807 | 16,880 | 13 |
| **2021** | 373,773 | 49,174 | 13.1 |
| **2022** | 775,578 | 121,162 | 15.6 |

Манбаъ: ВММША, с. 2022

Сатҳи маош дар Тоҷикистон дар байни дигар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) (ИКМ) пасттарин аст, ва маоши миёнаи моҳона нисбат ба Федератсияи Русия тақрибан 11 маротиба камтар аст, бинобар ин бозори меҳнати Русия барои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ҷолиб мебошад (IHD, 2021). Дар соли 2023 харитаи роҳ оид ба раванди бо кор таъмин намудани шаҳрвандони Тоҷикистон ва Федератсияи Русия тасдиқ гардида, масъалаи супоридани имтиҳони ягонаи фарогир оид ба донистани забони русӣ, таърих ва қонунгузории Федератсияи Русия дар қаламрави Тоҷикистон тибқи гузориши ВММША барои соли 2023 ҳалли худро ёфтааст. Тасмим гирифта шудааст, ки ин харитаи роҳ барои истифодаи минбаъда дар соли 2024 пиёда гардонида шавад. (ВММША, 2023).

Федератсияи Русия: Тибқи маълумоти мақомоти омори Федератсияи Русия (Rosstat), дар семоҳаи 1-уми соли 2023 ба Федератсияи Русия 350 000 муҳоҷири меҳнатии тоҷик омадаанд, ки нисбат ба соли қаблӣ (186 560) беш аз 87 дарсад зиёд аст (Rosstat, 2023). Ҳамзамон додаҳои (маълумотҳои) оморӣ коҳиши назарраси муҳоҷирони меҳнатиро дар соли 2022-ро нишон медиҳанд, ки тибқи он 133 000 муҳоҷири тоҷик бо далели идома ёфтани ҷанг дар Федератсияи Русия ва Украина тарк кардаанд. (CPC, 2023). Қобили зикр аст, ки аксари шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар Федератсияи Русия бо иҷозаи корӣ фаъолият мекунанд, аз 30 то 49 (2600) сола буданд. Мувофиқи иттилои васоити ахбори оммаи Дипломат, дар семоҳаи 1-уми соли 2023, 44 854 шаҳрванди Тоҷикистон шаҳрвандии Русияро дарёфт кардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 (33 000) ҳудуди 10 000 нафар зиёд аст (ДИПЛОМАТ, 2023).

Диаграммаи 5: Муҳоҷирони меҳнатии тоҷики муқими Федератсияи Русия ва Қазоқистон, солҳои 2023-2023




Манбаъ: ВММША , 2022 ва 2023

Қазоқистон: Тибқи маълумоти Хадамоти миллии марзбонии Қазоқистон (NBSK), дар семоҳаи 3-юми соли 2023, 370 851 шаҳрванди Тоҷикистон ва дар семоҳаи 4-уми соли 2023, 284 540 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ворид шудаанд (NBSK, 2024). Дар семоҳаи сеюми соли 2023 мутаносибан 363 519 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ва дар семоҳаи 4-уми соли 2023, 293 487 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон кишвари Қазоқистонро тарк кардаанд. Бинобар маълумоти Кумитаи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Қазоқистон (КХМ ВКД), дар семоҳаи 4-уми соли 2023, 7727 шаҳрванди Тоҷикистон иҷозаи иқомати муваққатӣ дар Қазоқистонро гирифтаанд. (СБМ, 2023). Илова бар ин, дар соли 2023 дар маҷмӯъ ба 636 муҳоҷир иҷозаи иқомати доимӣ дода шудааст, ки баробар ба 3 дарсади теъдоди умумии дорандагони иқомати доимӣ дар Қазоқистон мебошад (BNS of KZ, 2023).

Диаграммаи 6: Муҳоҷирони тоҷик дар Федератсияи Русия, 2020-2022 (шумораҳои мутлақ)




Манбаъ: Ростат, с. 2023

Диаграммаи 7: Хурӯҷ ва вуруди муҳоҷирони тоҷик дар Қазоқистон, семоҳаи 3-4 2023 (шумораҳои мутлақ)




Манбаъ: NBSK, 2024

# МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

Тоҷикистон яке аз кишварҳое мебошад, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар равандҳои муҳоҷират фаъолона иштирок мекунад. Вақте, ки дар соли 2022 ноустувории сиёсӣ дар дохили минтақа бар асари ҳамлаи Федератсияи Русия ба Украина ба вуҷуд меояд, ин ҳолат шиддатро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бинобар таъсири эҳтимолии низоъ ба муҳоҷирони меҳнатии[6] ин кишварҳо дар Федератсияи Русия афзоиш дод, бахусус ба Тоҷикистон, ки рушди иқтисоди кишвар ва суботи он аз воридоти маблағҳои интиқолии муҳоҷирон вобастагии зиёд дорад (ДИПЛОМАТ, 2023). Муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷумлаи бузургтарин ҷараёни муҳоҷират аз Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва он ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти одамон ва ҷомеаро таъсир дорад. (СБМ, SSRVCLM, 2023). Муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди иқтисоди Тоҷикистон нақши муҳим дорад, ки он 50 дарсади ММД-ро (Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ) (2022) ташкил дода 59 дарсади он дар соли 2023 аз ҳисоби воридоти пули муҳоҷирон ташкил ёфтааст (БҶ, 2023). Бонки Ҷаҳонӣ коҳиши мизони софи муҳоҷирати Тоҷикистонро дар соли 2023, ки дар ҳудуди 1,99 ба 1000 нафар аҳолӣ қарор гирифта буд назар ба соли 2022 (2,03) бо пешгӯии коҳиши эҳтимолии минбаъда таъкид мекунад.[7] Дар соли 2022 сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз 12,4 фоиз дар соли 2022 то 11,3 фоиз дар соли 2023 коҳиш ёфтааст (БҶ, 2023). Дар ҷаласаи порлумонии моҳи декабри соли 2023 Президенти Тоҷикистон чунин иброз дошт “интизорӣ меравад, ки дар ҳафт соли оянда сатҳи камбизоатӣ то 10 дарсад коҳиш хоҳад ёфт” (ЮНИСЕФ, 2023). Оилаҳои (хонаводаҳои) тоҷик аз муҳоҷирати меҳнатӣ вобастагии зиёд доранд, ки мувофиқи ҳисоботҳо теъдоди оилаҳое, ки аққалан як узви он дар хориҷа ҳамчун муҳоҷир кор мекунанд аз се як ҳисса то нисфи оилаҳо (хонаводаҳо) ба таври назаррас афзоиш ёфтааст (БҶ, 2023).

Иҷозатномаи иқомати муваққатӣ дар идоракунии муҳоҷирати байналмилалӣ нақши муҳимеро мебозад, ки ниёзҳои муҳоҷиронро бо манфиатҳои Тоҷикистон дар мувозинат қарор медиҳад (БҶ, 2022). Қонуни конститутсионӣ дар бораи шаҳрвандии Тоҷикистон (2015) санади ҳуқуқие мебошад, ки асосҳо, принсипҳо, шартҳо ва тартиби гирифтан ва қатъи иҷозати иқомат ва шаҳрвандии Тоҷикистонро муқаррар менамояд. Бо фароҳам овардани роҳҳои қонунӣ барои будубоши муваққатӣ, ин иҷозатномаҳо ба муҳоҷирати меҳнатӣ, имкониятҳои таҳсилот, муттаҳидшавии оилаҳо ва ҳифзи башардӯстона мусоидат намуда, дар баробари таъмини якпорчагӣ ва амнияти сарҳадҳои миллӣ мусоидат мекунанд. Тибқи иттилои мақомот, дар соли 2022 ба 5716 шаҳрванди хориҷӣ (занон 528, мардон 5188) ва дар соли 2023 ба 7053 шаҳрванди хориҷӣ бо афзоиш дар ҳудуди 23,3% иҷозати кор дода шудаанд. ВММША дар идома хабар дод, ки квота барои ҷалби нерӯи кории хориҷӣ ба Тоҷикистон ба 7500 нафар дар соли 2023 аз ҷониби мақомот тасдиқ шудааст.

Муассисаи дахлдори давлатии Тоҷикистон дар соли 2022, 2013 нафарро дар хориҷи кишвар бо кор таъмин намуд, аз ҷумла дар Федератсияи Русия (1709), Қазоқистон (223), Туркия (29), Лаҳистон (35), Руминия (11) ва Аморати Муттаҳидаи Араб (6) (ВММША, 2022). Дар соли 2023 ВММША ба чилу ҳашт субъекти соҳибкорӣ иҷозатнома дод ва танҳо бисту ҳашт субъекти соҳибкории давлатӣ, ки иҷозатномаи давлатӣ доранд, ки ба содироти қувваи корӣ ба хориҷи кишвар машғуланд, ки 12,297 муҳоҷири меҳнатиро бо тартиби муташаккилона ба хориҷа фиристоданд (ВММША, 2023). Тибқи тадқиқоти АҲИ, ки дар соли 2023[8] гузаронида шуд, новобаста аз макони муҳоҷират, муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар кишварҳои қабулкунанда, асосан дар сохтмон (36%), корхонаҳои давлатӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ (21%), савдои яклухт ва чакана (11%), нақлиёт, нигоҳдорӣ ва алоқа (9%), кишоварзӣ (7%), истеҳсолот (5%), маориф (3%) тандурустӣ ва дорусозӣ (3%), дигар соҳаҳои идоракунии тиҷорат, бонкдорӣ, ҳифзи ҳуқуқ, муҳандисӣ, технологияҳои компютерӣ ва касбӣ (тақрибан 6%) фаъолият мекарданд (СБМ, 2023).

6. Муҳоҷирати меҳнатӣ бузургтарин падидаи муҳоҷират дар Тоҷикистон аст ва ММД дар кишвар аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони корӣ вобастагии калон дорад.
7. Сатҳи холиси муҳоҷират ин фарқияти байни шумораи муҳоҷирон (нафароне, ки ба ин минтақа меоянд) ва шумораи муҳоҷирон (нафароне, ки ин минтақаро тарк мекунанд) ба шумораи аҳолӣ тақсим карда мешавад.
8. СБМ тадқиқоти ибтидоиро дар моҳи феврали соли 2023 гузаронид, бо шумули 1875 маълумотдиҳандагони асосӣ, аз ҷумла 979 муҳоҷири бозгашта.

Ҷадвали 2: Тақсимоти самтҳои шуғл дар тадқиқоти АҲИ 2023 (%)

| Бахши шуғли аҳолӣ | Фоиз |
|---|---|
| Сохтмон | **36%** |
| Хизматрасонии ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ | **21%** |
| Савдои яклухт ва чакана | **11%** |
| Нақлиёт, нигоҳдорӣ ва алоқа | **9%** |
| Идоракунии дигар намуди тиҷорат, бонкдорӣ, ҳифзи ҳуқуқ, муҳандисӣ, технологияҳои компютерӣ ва касбӣ | **6%** |

Манбаъ: СБМ, с. 2023

# МУҲОҶИРАТИ МАҶБУРӢ

Бинобар маълумоти Агентии миллии иттилооти Тоҷикистон (АМИТ), дар соли 2023 дар Тоҷикистон 804 ҳодисаи офати табиӣ (314 фаромадани тарма ва 127 сел) ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2022 4 ҳолат зиёд аст (IDMC, 2023). Ҳодисаҳои фавқулоддаи асосӣ ин фаромадани тарма дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (феврали соли 2023), заминларзаи 5,8 баллӣ аз рӯи шкалаи Рихтер дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ ва Рашт (марти соли 2023) ва силсилаи обхезӣ, ярч, сел (23 августи соли 2023) дар саросари кишвар буданд. (ЮНИСЕФ, 2023). Тибқи маълумоти IDMC, дар ҷараёни ин офатҳои табиӣ 5100 муҳоҷирони дохилӣ сабти ном шуда буданд ва то охири соли 2023 танҳо 24 муҳоҷири дохилӣ боқӣ мондаанд (IDMC, 2023). Ҳисоботи Граундсвелли (Groundswell) Бонки Ҷаҳонӣ ишора мекунад, ки муҳоҷирати дохилии вобаста ба иқлим то соли 2050 метавонад бо сабаби таъсири иқлим ба 216 миллион нафар расад (ADB, 2021).

Тибқи маълумоти Комиссариати Олии оид ба Гурезагони СММ (КОГ СММ), то нимаи соли 2023 тақрибан 3679 шаҳрванди Тоҷикистон дар соли 2023 ҳамчун гуреза сабти ном шудаанд, ки нисбат ба соли 2022 (2951) 24,6 дарсад зиёд аст. Ғайр аз он, дар соли 2023, 4197 нафар паноҳҷӯён ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли 2022, 15,1 фоиз зиёд аст (3646) (КОГ СММ, 2023). Ҳамзамон, омори Федератсияи Русия ишора мекунад, ки дар соли 2022, 37 муҳоҷири иҷбории тоҷик ва дар семоҳаи 1-уми соли 2023, 16 нафар (Rosstat, 2023) сабти ном шудаанд. Дар соли 2022, 4 нафар гуреза ба қайд гирифта шуда, дар семоҳаи 1-уми соли 2023 гуреза сабт нашуда аст. Паноҳгоҳи муваққатӣ барои 27 шаҳрвандони тоҷик дар соли 2022 ва дар семоҳаи 1-уми соли 2023 ба 30 нафар дода шудааст (Rosstat 2023).

Аз тарафи дигар, Тоҷикистон кишварест, ки шумораи бештари гурезагон ва паноҳҷӯёнро дар Осиёи Марказӣ, асосан аз Афғонистони ҳамсоя қабул мекунад. Мувофиқи маълумоти Комиссариати Олии оид ба гурезагони СММ, то нимаи соли 2023 дар Тоҷикистон 8167 гуреза, 1056 нафар паноҳҷӯянда ва 4144 нафар шахсони бешаҳрванд ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли 2022 шумораи гурезагон (8608) ва паноҳҷӯён (113) 5,4 фоиз кам шуда мувофиқи додаҳо, шумораи шахсони бешаҳрванд дар соли 2022 (5,391) 30 фоиз кам шудааст (КОГ СММ, 2023).

Ҳамзамон, тибқи гузориши ВММША, дар соли 2022, 6495 гуреза (1657 хонавода) ба қайд гирифта шудаанд ва ин шумора дар муқоиса бо 5032 гурезаи (1372 хонавода) дар соли 2023 ба қайд гирифташуда 29 дарсад коҳиш ёфтааст. Бо мақсади қонунӣ гаронидани вазъи шаҳрвандони хориҷие, ки бидуни ҳуҷҷати расмӣ дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, Қонуни афв аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 18 декабри соли 2019 ба имзо расида, аз 7 январи соли 2020 мавриди амал қарор гирифт ва он ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки ғайриқонунӣ иқомат доранд, барои танзими будубоши худ, бо роҳи гирифтани ҳуқуқ ба гирифтани иҷозатномаи иқомат имконият эҷод кард ва онҳо метавонанд, пас аз се сол барои гирифтани шаҳрвандии Тоҷикистон муроҷиат кунанд (КОГ СММ, 2020).

## МУҲОҶИРАТИ БОЗГАШТ

Муҳоҷирати бозгашт дар Тоҷикистон як падидаи муҳимест, ки дар солҳои охир бо омилҳои мухталифи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва геополитикӣ ташаккул ёфтааст. Баъзеҳо метавонанд пас аз расидан ба ҳадафҳои худ дар хориҷа, ба монанди хатми таҳсилот, таҷрибаи корӣ ё ҷамъ кардани пасандозҳо, ихтиёран баргарданд. Дигарон метавонанд бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати раводид, аз даст додани ҷои кор ё тағйирот дар сиёсати муҳоҷират дар кишвари таъинот маҷбур шаванд, ки баргарданд. Тибқи маълумоти ВММША, соли 2023 ба Тоҷикистон 590 710 муҳоҷир (занҳо 122 252, мардҳо 468 458) ва соли 2022, 551 778 муҳоҷир (занҳо 102 631, мардон 449 147) ба Тоҷикистон баргаштанд ва дар соли 2023, 38 932 нафар бештар ба қайд гирифта шудааст. Дар соли 2023 шумораи бештари муҳоҷирон (94,7%) аз Федератсияи Россия баргаштанд (559 560), ки нисбат ба соли 2022 (524 447) 6,7 фоиз зиёд аст. Дар соли 2023 дар байни муҳоҷирони баргашта, шумораи ҳам занон (129 982) ва ҳам мардон (429 578) аз Федератсияи Русия мутаносибан 35,6 фоиз барои занон нисбати соли 2022 (95 885) 39 фоиз барои мардон дар соли 2022 (428,25) зиёд шудаанд.

Диаграммаи 8: Муҳоҷирони баргаштаи тоҷик, 2022-2023 (шумораҳои мутлақ)




Манбаъ : NBSK, с. 2024

Дар соли 2023, тибқи иттилооти Хадамоти муҳоҷирати ВММША, 34 504 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон (33 505 шифоҳӣ, 83 хаттӣ ва 916 занг тавассути телефони боварӣ) барои дубора ворид шудан ба Федератсияи Русия бо мақсади кор муроҷиат кардаанд. Аз ҳамаи муроҷиатҳое, ки ба мақомот ворид шудаанд, 6816 нафар (6155 мард ва 661 зан) шаҳрвандони муваққатан манъи вуруди дубора ба Федератсияи Русия ва 4444 нафар ба омӯзишҳои касбӣ дохил шуда, 1109 нафар дар дохили Тоҷикистон бо ҷойи кор таъмин карда шудаанд (ВММША, 2023).

Тибқи маълумоти АҲИ , тадқиқоти муҳоҷирони бозгашта, ки дар соли 2023 гузаронида шудааст, (978 муҳоҷири бозгашта мусоҳиба шудаанд)[9] 10 сабабҳои асосии бозгашт муайян гаштааст, аз ҷумла бо мақсади боздиди кӯтоҳмуддат бо оила (37%), дуюм бо сабабҳои оилавӣ (13%), сабабҳои тиббӣ/саломатӣ 9%, аз даст додани кор (6%), манъи вуруд (депортатсия) (5%), таҳрими (таназзули) иқтисодӣ дар кишвари қабулкунанда (5%), бехатарӣ ва амният (4%), пайвастан бо оила/никоҳ (4%), пайдо накардани кор/имконияти беҳтари зиндагӣ (4%) ва нокифоя будани даромад барои эҳтиёҷоти фаврӣ (3%) (СБМ, 2023).

Диаграммаи 9: Ҷинси муҳоҷирони баргаштаи тоҷик, 2022-2023 (шумораҳои мутлақ)




Манбаъ: ВММША, с. 2023

9. Арзёбӣ 5 вилоят, 12 шаҳрҳо ва ноҳияро дар бар гирифт, аз ҷумла: ноҳияҳои И. Сомонӣ, Сино, Фирдавсӣ, Шоҳмансури шаҳри Душанбе, шаҳри Ваҳдат, ноҳияи Рӯдакии Ноҳияҳои Тобеи Марказ, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон, шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ванҷи ВМКБ дар Тоҷикистон.

**Диаграммаи 10: Сабабҳои муҳоҷирати бозгашт, 2023 (%)**




Манбаъ: СБМ, с. 2023

Диаграммаи 11: Аризаҳои аз нав ворид шудан ба Федератсияи Русия, 2023 (шумораҳои мутлақ ва %)




Манбаъ : ВММША, с. 2023

# ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒ

Аз сабаби дастрас набудани маълумоти расмии интиқоли маблағ аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ (ВКД) ва Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) маълумот дар бораи интиқоли маблағ маҳдуд буд.[10] Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, интиқоли маблағҳои шахсӣ (% ММД) аз ҷониби Тоҷикистон афзоиши назаррасро дар солҳои 2020 (26,8), 2021 (32,68) ва 2022 (50,9) нишон медиҳад, воридоти пулии холис омили асосии пешбурди ин афзоиш боқӣ монда, ба 50 дарсади таърихии ММД расид, ки ин рақам нишон медиҳад, ки интиқоли маблағ (пул) як омили хеле муҳими коҳиши камбизоатӣ дар Тоҷикистон дар соли 2022 гардидааст. Ҳаҷми интиқоли маблағҳои пулӣ, ки аз ҷониби Шарикии глобалии дониш оид ба муҳоҷират ва рушд (KNOMAD) ҳисобот дода шудааст, ки, интиқоли маблагҳо ба Тоҷикистон дар соли 2020 (2,2 миллиард доллари ИМА) ва 2021 (2,9 миллиард доллари ИМА) тамоюли афзоишро нишон дода, ин раванд дар соли 2022 (5,3 миллиард доллари ИМА) ва соли 2023 (5,7 миллиард доллар) ду баробар зиёд гаштааст. Чунин афзоиш дар ҳаҷми интиқоли маблағҳои пулӣ дар соли 2020, 108 миллион доллар, дар соли 2021, 167 миллион доллар ва дар соли 2022, 224 миллион долларро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, тибқи пешгӯии коршиносони Бонки Рушди Осиё (БРО), рушди иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2024 ва 2025 аз сабаби коҳиши интиқоли пулӣ, маҳдудиятҳои фазои буҷетӣ ва коҳиши тақозои ҷаҳонӣ ба содироти асосии истихроҷи маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон ва таъсири геополитикӣ, аз қабили таъсири таҳримҳои иқтисодӣ нисбат ба Федератсияи Русия каме коҳиш хоҳад ёфт. Ҳамзамон, ММД-и кишвар ҳам дар соли 2022 ва ҳам дар соли 2023 мувофиқан ба 6,5 дарсад дар 8.3 дарсад афзоиш хоҳад ёфт (АЗИЯ ПЛЮС, 2024).

10. Вазорати корҳои хориҷӣ маълумоти вобаста ба интиқоли маблағҳоро барои солҳои 2022 – 2023-ро пешниҳод накард.

Саҳми хоҷагиҳое , ки интиқоли пулӣ мегиранд, дар соли 2022 то 17 дарсад афзоиш ёфта, дар муқоиса бо 13 дарсади солҳои 2021 ва 2022, то 30 дарсади даромади умумии хоҷагиҳо аз ҳисоби интиқоли пул, ки беш аз 90 дарсади он аз Федератсияи Русия аст ва миқдори ин маблағҳо дар охири соли 2022 ба 3,2 миллиард доллар расидааст (БҶ, 2022). Илова бар ин, дар охири соли 2022 фоидаи ҳисобҳои даромади ибтидоӣ ва дуюмдараҷа ба таври назаррас афзоиш ёфта, то 5,3 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод. Хоҷагиҳо гузориш медиҳанд, ки беш аз 80 фоизи маблағҳои интиқолӣ барои ғизо ва тақрибан 10 фоиз барои дигар эҳтиёҷоти асосӣ, аз ҷумла барои нигоҳдории саломатӣ, манзил ва маориф масраф мешаванд. Боқимондаи маблағ барои пасандоз, баргардонидани карз ва дигар мақсадҳо истифода мешаванд. Дар соли 2021, тақрибан 36 фоизи камбизоатон аз панҷяки аҳолии Тоҷикистон ҳар моҳ маблағҳои интиқолӣ мегирифтанд, дар ҳоле ки дар панҷяки сарватмандтарин ин нишондиҳанда тақрибан ба 27 фоиз баробар буд (БҶ, 2022).

Диаграммаи 12: Воридот ва хурӯҷи маблағҳои интиқолӣ, 2020-2023 (миллион доллари ИМА)




Манбаъ : KNOMAD, с. 2023

Тибқи иттилои ВММША-и Тоҷикистон, дар соли 2022 ҳудуди 17,1 миллион рубли русӣ қарзи пардохтнашудаи музди меҳнати муҳоҷири тоҷик ба ҳар як нафар баргардонида шуда буд ва ин рақам дар соли 2023 бо ҳамкории қавии намояндагии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия ва ниҳодҳои марбута ба 244 миллион расид.

# МУДОХИЛАҲОИ СИЁСӢ ДАР САМТИ МУҲОҶИРАТ

Пас аз шиддат гирифтани вазъияти геополитикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бар асари ҷанг бо Украина, ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайи ҳамкориҳо бо кишварҳои сеюм дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ ба Тоҷикистон ва аз Тоҷикистон хеле талош мекунад. Дар ин замина, ВММША се санади ҳамкорӣ бо Давлати Кувайт, Арабистони Саудӣ ва Ҷумҳурии Корея таҳия карда, дар соли 2023 шартномаҳо дар марҳилаи баррасии ниҳоии тарафҳо қарор доштанд . Моҳи марти соли 2023 дар ҷаласаи сеюми гурӯҳи кории муштарак Созишномаи ҳамкории Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Қатар миёни Муассисаи давлатии «Агентии шуғли корӣ дар хориҷа»-и Вазорат ва ширкати Қатар «Қатар Рекрутмент» ҷиҳати густариши ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ байни кишварҳо (ВММША, 2023) ба имзо расид. Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Кувайт дар бораи табодули нерӯи корӣ дар бахши хусусӣ ба имзо расид.

Дар баробари ин, 29 декабри соли 2023 дар ҷаласаи Кумитаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Корея, Тоҷикистон ба Низоми иҷозатномаи шуғл (EPS) дар Ҷумҳурии Корея ҳамчун кишвари 17-ум шомил карда шуд, ки дар робита ба гуногунсозии (диверсификатсияи) муҳоҷирати меҳнатӣ ин дастоварди сол мебошад. Интиқоли захираҳои меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Корея аз соли 2025 пас аз имзои ёддошти тафоҳум дар бораи низоми иҷозатномаҳои байниҳукуматии шуғл ва ифтитоҳи маркази маҳаллии EPS анҷом дода мешаванд.

Ҳукумати Тоҷикистон бо Федератсияи Русия дар самти беҳбудии вазъи муҳоҷирони меҳнатии муқими Федератсияи Русия ҳамкориҳои минбаъдаро идома медиҳад. Дар ин самт, як ёддошти тафоҳум миёни ВММША-и Тоҷикистон ва Хадамоти федералии меҳнат ва шуғли аҳолии Федератсияи Русия ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқи кории шаҳрвандони тоҷики муқими Федератсияи Русия ба имзо расид.

# АДАБИЁТҲО

Агентии омори назди Президенти ҶТ (Омор)
2019. Пурсиши буҷаи хонаводаҳо 2014-2019,Омор
Бонки Рушди Осиё (БРО)
2021 Хатарҳои вобаста ба иқлими кишвар-Тоҷикистон, Бонки Рушди Осиё.
Азия Плюс (АП)
2023 Вуруди русҳо ба Тоҷикистон беш аз се баробар афзоиш ёфтааст. Сомонаи «Азия-плюс».
Хадамоти федералии давлатии омори Федератсияи Русия (Росстат)
2023 Солномаи омори Русия 2023, Вебсайти Росстат.
Рушди интегралии инсонӣ (IHD)
2020 Профили муҳоҷират- Тоҷикистон, Сомонаи гурезагон
Созмони Байналмиллалии Муҳоҷират (СБМ)
2023a Арзёбии ибтидоӣ ва Тадқиқоти муҳоҷирони меҳнатии кории баргашта Даври 2 – Тоҷикистон. Феврали 2023- Ноябр, СБМ Тоҷикистон.
2023b Мониторинги ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон. Мушкилотҳо, тамоюлҳои нав ва мушкилоти ҳалшаванда (ҳуҷҷати дохилӣ), СБМ Тоҷикистон.
2021 Хулосаи гузориши Мониторинги риояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2023, Мушкилот, тамоюлҳо ва вазифаҳои ҳалшаванда (ҳуҷҷати дохилӣ), СБМ
Точикистон. Хазинаи Байналмилалии Мониторинг (ХБА)
2023 Раёсати иҷроия хулоса мекунад: Моддаи IV Машварат бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, вебсайти ХБА.
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон (ВММША)
2022 Гузориши пресс-релиз, сомонаи ВММША.
2023 Гузориши пресс-релиз, сомонаи ВММША.
Хабарҳои АМ
2022 Шӯрои Федератсияи Русия созишномаи нафақаи шаҳрвандони ИДМро бекор кард, 8 июни соли 2022, News.AM.
Дипломат
2023 Ҷанг ва муҳоҷират: Ҷараёни муҳоҷири корӣ аз Осиёи Марказӣ дар миёни низоъ дар Украина, сомонаи ДИПЛОМАТ
Комиссариати Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо (UNHCR)
2020 Қонуни нави Тоҷикистон дар бораи мубориза бо бешаҳрвандӣ, хабари матбуотии UNHCR.
Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ)
2023 Ҳисоботи солонаи Дафтари кишвар-Тоҷикистон.
Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ)
2023 Навсозии иқтисодии Тоҷикистон - Тамаркуз ба афзоиши динамизми бахши хусусӣ дар Тоҷикистон, Бонки Ҷаҳонӣ.
2022 Мунокишаи Русия ва Украина: Оқибатҳои интиқоли маблағ ба Украина ва Осиёи Марказӣ, блогҳои Бонки Ҷаҳонӣ.

ҲУҶҶАТҲОИ ҲУҚУҚӢ

Қонун дар бораи авф 2019
Қонуни конститутсионии шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» вобаста ба қонунӣ гардонидани шахсони бешаҳрванд ва шаҳрвандони хориҷие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонунӣ иқомат доранд | Refworld, 2019
Қонуни муҳоҷират, 2008
Стратегияи нави танзими равандҳои муҳоҷират то соли 2040, 2023
Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» (cis-legislation.com), 2023
Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027

Co-funded by
the European Union

IOM
UN MIGRATION

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

**Swiss Agency for Development
and Cooperation SDC**